ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

Марҳилаи муосири рушди қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои мувофиқасозии манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат тавсиф мегардад. Дар ин замина, таҳқиқоти илмие, ки ба рушди институти шарикии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ва баланд бардоштани самаранокии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бахшида шудаанд, аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ доранд.

Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди институти шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи интихобшуда мубрам буда, аҳамияти он бо зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ, рақамикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, густариши шаклҳои фосилавии шуғл ва татбиқи технологияҳои муосири идоракунии меҳнат муайян мегардад.

Муаллиф таҳлили амиқи равишҳои илмиро нисбат ба моҳият ва мазмуни шарикии иҷтимоӣ анҷом дода, масъалаҳои ташаккул ва рушди ин институтро дар ҳуқуқи миллӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои танзими меъёрии ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти амалияи татбиқи онро таҳқиқ намудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда дар самти такмили дастгоҳи мафҳумии институти шарикии иҷтимоӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад. Пешниҳоди муаллиф оид ба такмили мафҳуми ҳуқуқии «шарикии иҷтимоӣ», ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар таърифи қонунгузорӣ мақсад ва мазмуни шарикии иҷтимоӣ ҳамчун низоми ҳамкории кормандон, корфармоён ва давлат ҷиҳати танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои тарафҳо бояд пурратар инъикос карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба зарурати васеъ намудани номгӯи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ, ки дар моддаи 298 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, низ қобили дастгирӣ мебошанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба ворид намудани принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ, инчунин принсипи мусоидати давлат ба таҳким ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар асосҳои демократӣ, бо стандартҳои байналмилалии меҳнат мутобиқ буда, барои рушди минбаъдаи низоми шарикии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани хулосаҳои муаллиф оид ба табиати ҳуқуқии шартномаи коллективӣ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии локалӣ низ қобили зикр мебошад. Дар автореферат мақом, нақш ва хусусиятҳои меъёрии шартномаи коллективӣ дар низоми танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд.

Муаллиф масъалаи мақоми ҳуқуқии субъектҳои шарикии иҷтимоиро низ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст. Хусусан, нақши давлат ҳамчун субъекти марказии шарикии иҷтимоӣ, ки вазифаи ҳамоҳангсозӣ, мувофиқасозии манфиатҳои тарафҳо ва кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоию меҳнатиро амалӣ менамояд, ба таври асоснок нишон дода шудааст.

Яке аз ҷанбаҳои ҷолиби илмии таҳқиқот таҳлили таъсири рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ ба рушди институти шарикии иҷтимоӣ мебошад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки рушди меҳнати платформавӣ, шуғли фосилавӣ ва идоракунии алгоритмӣ зарурати таҷдиди назар ба шаклҳои анъанавии муколамаи иҷтимоӣ ва таҳияи воситаҳои нави ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатиро ба миён меорад. Дар ин замина пешниҳоди муаллиф оид ба мафҳуми «шартномаи коллективии электронӣ» аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот инчунин дар пешниҳоди таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат ифода меёбад. Амалӣ гардидани чунин ташаббус метавонад барои ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои он мусоидат намояд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии таҳқиқот, баъзе масъалаҳо хусусияти баҳсталаб дошта, метавонанд дар оянда мавриди муҳокимаи иловагии илмӣ қарор гиранд.

Аввалан, муаллиф пешниҳод менамояд, ки номгӯи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ васеъ карда шавад, аммо дар автореферат масъалаи фарқгузорӣ байни принсипҳои умумии ҳуқуқ, байнисоҳавӣ ва соҳавии шарикии иҷтимоӣ ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст, ки ин метавонист асоснокии пешниҳодҳои мазкурро боз ҳам тақвият бахшад.

Дуюм, мувофиқи мақсад мебуд, ки таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар масъалаҳои танзими меҳнати платформавӣ, идоракунии алгоритмӣ ва таъсири зеҳни сунъӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ ба таври муфассалтар таҳлил карда шавад.

Эродҳои зикршуда хусусияти баҳсӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо кам намекунанд.

Дар маҷмуъ, автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти мустақилонаи илмии анҷомёфта буда, натиҷаҳои нави илмӣ ва

пешниҳодҳои асоснокро дар бар мегирад, ки барои рушди илми ҳуқуқи меҳнат ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас доранд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат ба талаботи муқарраргардида нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

Муқарриз:
Вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқ (PhD),
дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии ДДТТ Наботзода С.Х.

Суроғаи муқарриз:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Маҳсумов,
хонаи 109/1, ҳуҷраи 137.
Почтаи электронӣ: nabotov@inbox.ru
Телефон: +992 900015101

Имзои Наботзода С.Х.-о тасдиқ менамоям:
Шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.

«5» июня соли 2026

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 42
Почтаи электронӣ: info@parlament.tj
Телефон: (+992237) 221-13-78, 221-11-43